# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 003-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №_________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.06.2024, №76**

**Барои сазовор донистани Файзуллозода Бахтовар Сайфулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя санаи 04.04.2024 қабул карда шуд, суратмаҷлиси №67 шурои диссертатсионии 6D.КОА – 003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17), ки бо фармоиши раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 03.06.2024 таҳти №174/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Файзуллозода Бахтовар Сайфулло, 20 феврали соли 1989 таваллуд шудааст. Соли 2006 ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ дохил шуда, онро соли 2011 бо муваффақият хатм намудааст, Аз соли 2011 ба ҳайси муҳандиси шуъбаи сохтмони “Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе” фаъолияти кориро оғоз намуда, то инҷониб дар вазифаҳои гуногун кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2023 то ҳол ба ҳайси сардори раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Инчунин Файзуллозода Бахтовар Сайфулло аз соли 2021 ҳамчун ассистент – ҳамкор дар кафедраи молияи ДДМИТ кор ва фаъолият кардааст.

Диссертатсия дар кафедраи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Иброҳимзода Илҳомиддин Раҷабалӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Мирсаидов Аврор Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Исматов Хушруз Ҳасанович - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи молия, бонк ва фаъолияти гумрукии филиали Муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар вилояти Суғд, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ

½) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Марупова Н.Ш. навишта шуда, аз тарафи раиси ҷаласа д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. имзо гардида, дар ҷаласаи якчояи кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 18-уми майи соли 2024, суратҷаласаи №10 баррасӣ гардида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон д.и.т., дотсент Назарзода Х.Х. 20-уми майи соли 2024 тасдиқ карда шудааст.

Муасисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки кори диссертатсионӣ кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он коркардҳои нави аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда мавҷуданд. Инчунин, дар он таҳқиқи асосҳои назариявии танзими давлатии низоми андозбандии субъектҳои хурду миёнаи соҳибкорӣ, вазъи институтсионалии танзими андоз ва самтҳои такмили механизми танзими давлатии андозбандии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии батабърасидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 10 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшаванда 4 мақола чоп кардааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

1. Файзуллоев Б.С. Асосҳои институтсионалии рушди низоми андоз / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Маҷаллаи илмӣ-назариявии "Ахбори ДДҲБСТ". Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №4(89). – С. 13 – 26.

2. Файзуллоев Б.С. Ҳолати муосири низоми андозу буҷа / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №1(30) . – С. 61 -73.

3. Файзуллоев Б.С. Асосҳои назариявии танзими давлатии сиёсати андозу буҷа / Б.С. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2023. – №1/3 (113) . – С. 359 - 367.

4. Файзуллоев Б.С. Маъмурикунонии андоз асосии танзими муносибатҳои андозбандии соҳибкории хурду миёна / Б.С. Файзуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №4(37) . – С. 132 -141.

5. Файзуллоев Б.С. Танзими давлатии суботи молиявӣ / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Муаммоҳои такмили низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи семинари ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 7 декабри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 356-367.

6. Файзуллоев Б.С. Танзими давлатии сиёсати андозу буҷа дар шароити муосир / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Муаммоҳои такмили низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи семинари ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 7 декабри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 347-355.

7. Файзуллоев Б.С. Асосҳои методологии танзими давлатии сиёсати андозу буҷа / И.Р. Иброҳимзода, Б.С. Файзуллоев // Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 5 октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 86 -93.

8. Файзуллоев Б.С. Таҳлили муқоисавии усулҳои арзёбии иқтидори андози минтақа / Б.С. Файзуллоев, А.Х. Баротов // Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалӣ (ш. Душанбе, 6 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 76-80.

9. Файзуллоев Б.С. Механизмҳои андозбандии рушди соҳибкории хурду миёна / Б.С. Файзуллоев, З.А. Холиқзода // Ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ва тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалӣ (ш. Душанбе, 25 ноябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 101-106.

10. Файзуллоев Б.С. Арзёбии муносибатҳои андозии субъектҳои соҳибкории хурд дар заминаи моделҳои эконометрикӣ / У.М. Воҳидов, Б.С. Файзуллоев, З.А. Холиқзода // Ҳолати муосири низоми молиявӣ дар шароити рақамикунонӣ: маводи конференсияи байналмилалӣ (ш. Душанбе, 7 декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 120-126.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**1.Комилов С.Ҷ.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи Славянии Россия - Тоҷикистон бо эроди зерин: 1. Механизми сабук намудани гаронии андоз ба корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра асоснок карда нашудааст; 2. Нишондиҳандаҳои таҳлил ва арзёбии фаъолияти молиявии корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя таҳия карда шудаанд.

**2. Усмонова Т.Ҷ.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологиии Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Коркарди нокифояи усулҳои мавҷудаи арзёбии низоми андозбандӣ дар корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2. Таҳқиқотҳо масъалаи арзёбии иқтидори истеҳсолии корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос накардаанд.

**3. Самандарзода И.Ҳ.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо эродҳои зерин: 1. Муайян намудани тарафҳои мусбӣ ва манфии низомҳои махсуси андозбандӣ; 2. Арзёбии иқтидори андозии субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна бо дарназардошти имтиёзу сабукиҳо.

**4. Исмаилова М.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эроди зерин: 1. Агар муаллиф таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро оид ба такмили низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дар танзими андозӣ дар мисоли давлатҳои ИДМ шарҳ дода, ҷиҳатҳои мусбии онро муайян мекард, он гоҳ кори илмӣ боз ҳам хубтар мешуд; 2. Дар кори диссертатсионӣ муаллиф ба рушди андозбандии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ додааст, аммо оид ба рушди онҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ маълумоти мукаммал пешниҳод накардааст.

**5. Холов Т.А.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав бо эроди зерин: 1. Тавзеҳоти комили олимони ватанӣ дар самти назарияпардозиҳо вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ; 2. Тафсироти возеҳтари низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва арзёбии вазъи институтсионалии он; 3. Возеҳтар мушаххасгардонии роҳҳои устуворнамоӣ ва такмили механизмҳои давлатии дастгирии соҳибкории хурду миёна дар самти низоми миллии андозбандӣ.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** бо мақсади ташаккул ва такмили танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, механизми институтсионалии танзими низоми андоз дар шароити бозор коркард карда шуд;

- **пешниҳод шудааст:** *сиёсати ҷории макроиқтисодӣ ва ислоҳоти* сохторӣ ва институтсионалӣ имкноиятҳоеро фароҳам меоранд, ки ниҳодҳои молиявӣ барои сафарбар намудани захираҳо дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ ва устувории вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидор ҳавасманд гардонида шуда, бо бартараф намудани камомади касри буҷа ва васеъ намудани сармояи умумӣ субъектҳои хоҷагидор заминаи андозбандиро устувор мегардонанд;

- **исбот шудааст**, ки ташаккули фишангҳои ҳамгироии фискалии бахшҳои воқеӣ зарурати таҳияи методикаҳои муайян намудани меъёрҳои андозиро дар бар мегиранд. Дар ин замина муфидгардонии гаронии андози субъектҳои иқтисодӣ ва такмили механизмҳои андоз оид ба

ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна муайянкунанда баромад мекунанд.

**- асоснок карда шудааст**, ки татбиқи чорабиниҳои муҳими ҳукуматӣ, сиёсати ҷории иқтисодӣ, ислоҳоти сохторӣ ва институтсионалӣ ба ҳавасмандгардонии раванди соҳибкории хурду миёна ва таъмини устувории буҷет мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- **исбот карда шудааст**, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун атрофи масъалаи танзими давлатии рушди соҳибкории хуруду миёна аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсияи мазкур барои бунёд намудани асосҳои назариявӣ ва методии танзими низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна коркардҳои муаллифӣ таҳия карда шудаанд;

- **усулҳои муосири** таҳлил ва синтез (равиши системавӣ ва диалектикӣ), усули иқтисодӣ-оморӣ, комплексӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ ва экспертӣ, математикӣ-иқтисодӣ, ҷамъбасти иттилоот баҳри ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда истифода шудаанд;

- **баён шудани** фароҳами шароити таъмини рушди иқтисоди миллӣ дар робита ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ, алалхусус вусъат додани фаъолияти корхонаҳои хурду миёна, бо мақсади коркарди ашёи хоми ватанӣ иқтидори иқтисодӣ бояд васеъ гардонида шавад. Дар баробари ин, дар сохтори воридоти андоз ҳиссаи андозҳои ғайримустақим то дараҷаи лозимӣ муфид гардонида шавад. Чунки, айни ҳол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таносуби муфид дар сохтори воридоти андоз маҳдуд мебошад.

- **ошкор карда шудааст,** ки таъсири давлат дар таъмини рушди иқтисодӣ ва низоми андоз аҳамияти ҳалкунанда дошта, алоқамандии ҷиҳатҳои афзалиятноки бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳои хурду миёна ва танзими андозбандии фаъолияти онҳо заминаи хуби устувории таъмини танзими муносибатҳои андозию буҷетӣ дар кишвар баромад мекунанд;

- **омӯзиши** асосҳои назариявӣ ва амалии танзими давлатии низоми андоз маълум намуд, ки таъмини мувозинати муносибатҳои андозӣ аз муносибати давлат бо субъектҳои хоҷагидор вобастагии зич дорад. Аниқ карда шуд, ки барои таъмини мувозинати андозҳои мустақим ва ғайримустақим, яъне афзоиши ҳиссаи андозҳои мустақим ва коҳиши ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар ташаккули даромади умумии буҷети давлатӣ аз ҳисоби ташаккули низоми андоз муайянкунанда мебошанд;

**- аз нав такмил додан** бо мақсади татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии кишвар вобаста ба арзёбӣ намудани ҷараёни такмили ояндавии танзими давлатии андози субъектҳои хоҷагидорӣ омили муайянкунанда мебошад. Аз ин лиҳоз, механизми такмили танзими давлатии андоз барои таъмини рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод гардид.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар раванди таълим, таълиф ва интишори китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ-методӣ ва монографияҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дар раванди фаъолияти кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаҳои №21 аз 15.09.2023 ва №21962/10.1 аз 12.12.2023) истифода шудаанд;

- **муайян карда шуд,** ки истифодаи таҷрибаи пешқадам ва хусусиятҳои минтақавӣ, техника ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва маъмурикунонии андоз ба натиҷаи молиявии субъектҳои хоҷагидор шароити мусоиди ташаккул ёфтани иқтидори иқтисодиро бо роҳи танзими муносибатҳои андозӣ фароҳам меорад.

- **таҳия карда шуд:** бо мақсади арзёбии воридоти андоз аз омилҳои таъсиррасон, моделҳои регрессияи дараҷагии арзёбии воридоти андози субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ таҳия ва пешниҳод гардонида шуд, ки барои танзими ояндавии миёнамуҳлати банақшагирӣ ва татбиқи низоми андоз мусоидат менамоянд;

- **муаррифӣ карда шуд:** ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ аз таъсиси фондҳои махсусгардонидашуда, ҳисоби қарзҳо ва ҷаримаҳои андоз муфид мебошад. Чунки, дар ин замина ташаккули фонди рушд ва ҳавасмандгардонии моддии мақомоти давлатии андоз фаъол гардонида шуда, ҳисоби тарҳҳои андозҳо ва даромадҳои санҷишии ҳисобшуда, инчунин маблағи ҷамъшудаи муҷозоти маъмурӣ ва молиявӣ ҳамчун унсури институтсионалӣ ва муфидгардонии муносибатҳои андозӣ баромад мекунанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назарияи таҳқиқ** дар заминаи муқаррароти назариявию консептуалии таҳиянамудаи олимони соҳаи иқтисоду молия, зершохаҳои он (андозу андозбандӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, маъмурикунонии андоз), санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар самти андоз ва соҳибкорӣ, барномаҳои такмили маъмурикунонии андоз, банақшагирӣ, дурнамои даромади давлатӣ ва ғайраҳо бунёд шудааст;

- **ғояи** таҳқиқот дар асоси барномаҳои давлатии марбут ба танзими давлатии муносибатҳои андозбандӣ ва рушди низоми андоз, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **асоснок шудааст;**

- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқот оид ба такмил ва рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна бо далелҳои мушаххас, коркарди механизм, моделҳо ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи диаграммаҳо, таҳияи моделҳои арзёбии регрессионӣ ва коркарди тавсияҳо оид ба такмил ва танзими рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- муаллиф зарурияти танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёнаро ба таври назариявӣ ва амалӣ дар раванди дарсҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон асоснок намудааст;
- тавсияҳои амалии таҳқиқоти муаллиф ҳангоми такмили танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, муфидгардонии гаронии андоз ва васеъ намудани манбаи андоз дар таъмини устувории молиявии кишвар мавриди истифода қарор дода шаванд;
- аз рӯйи мавзуи таҳқиқот нашри 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намудааст;
- ба тасвиб расонидани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявию байналмилаӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 15 июни соли 2024 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Файзуллозода Бахтовар Сайфулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и.** **Бобиев И.А.**

**15 июни соли 2024**